**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Раҷабзода Шухрат Шералӣ (Назаров Шухрат Шералиевич) дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника, шаҳри Душанбе, 2026 с.**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мазкур пурра ба талаботи шиносномаи ихтисоси 6D060718 – Ботаника, ки аз ҷониби Комиссиям олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, аз рӯйи бандҳои зерин мувофиқат мекунад:

**Банди 1.** Масъалаҳои назариявии пайдоиш ва инкишофи олами наботот, гуногунӣ, таснифот ва номгӯи гурӯҳҳои гуногуни растаниҳо ва оилаи растаниҳо;

**Банди 4.** Масъалаҳои назариявӣ ва амалии паҳншавии географии организми растаниҳо, вижагиҳои паҳншавии муосир ва гузаштаи намудҳои растаниҳо ва наботот, ноҳиябандӣ ва харитакунонии растаниҳо ҳамчун яке аз захираҳои таҷдидшаванда;

**Банди 5.** Робитаҳо бо муҳити сабзиши намудҳо, гурӯҳҳои экологӣ, шаклҳои ҳаётӣ ва оилаи растаниҳо, шохискунонии ҳолати муҳити атроф бо ёрии растаниҳо;

**Банди 6.** Сохтор ва ҷараёни пӯшиши набототӣ ва қисмҳои таркибии он - фитосенозҳо, бо мақсади муносибсозӣ, идоракунии маҳсулнокии онҳо, ташкили оилаҳои сунъии растаниҳо бо вижагиҳои муайяни судовар (фитосенология ва геоботаника);

**Банди 10.** Масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи растаниҳо, пеш аз ҳама, захираҳои набототи табиӣ бо мақсадҳои амалӣ (доругӣ, ғизоӣ, техникӣ, хӯроки чорво, обёрикунӣ, ороишӣ ва ғайра);

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити имрӯзаи тағйирёбии иқлим, афзоиши фишори антропогенӣ ва коҳишёбии гуногунии биологӣ омӯзиши экосистемаҳои табиӣ аҳаммияти махсус касб намудааст. Қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор яке аз минтақаҳои муҳими флоравии Тоҷикистон буда, дорои гуногунии баланди намудии дарахту буттаҳо мебошад. Бо вуҷуди ин, хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дендрофлораи ин минтақа то имрӯз ба таври мукаммал таҳқиқ нагардидаанд. Аз рӯйи маълумоти илмӣ, танҳо якчанд маводҳои пароканда, аз ҷумла корҳои Овчинников П.Н., Запрягаев Л, Запрягаева В.И., Королева А.С., Акульшина

Н.П. ва дигарон, ки дар охири асри XX ба таври ҷузъӣ ин масъалаҳоро баррасӣ кардаанд.

Дар чунин шароит зарурати гузаронидани таҳқиқоти амиқ оид ба муайянсозии таркиби таксономӣ, таҳлили фитосенологӣ ва арзёбии ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ба миён меояд ки натиҷаҳои он метавонанд барои ҳифз, истифодаи оқилона ва баркарорсозии дарахту буттаҳои ин минтақа заминаи илмӣ фароҳам оварад. Аз ин лиҳоз анҷом додани таҳқиқоти мазкур саривақтӣ ва мубрам буда, барои ҳифзи гуногунии биологӣ, истифодаи устувори захираҳои табиӣ ва таҳияи чорабиниҳои экологӣ аҳаммияти калон дорад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал таркиби намудии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор дар асоси таҳқиқоти саҳроӣ ва таҳлили фитосенологӣ мукаммал муайян карда шудааст.

Дар доираи таҳқиқот муаллиф чунин навгониҳоро пешниҳод намудааст: рӯйхати пурраи дендрофлораи минтақа тартиб дода, 34 форматсия ва зиёда аз 150 ассотсиатсияи растаниҳо муайян ва тавсиф намудааст; таҳлили муқоисавии дендрофлораи минтақа бо қаторкӯҳҳои ҳамсоя анҷом дода шудааст; хусусиятҳои экологӣ, систематикӣ ва ареалогии дарахту буттаҳо таҳлил гардидаанд; омилҳои асосии таъсиррасон ба ҳолати экологии дарахту буттаҳо муайян карда шудаанд.

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва далелнок мебошанд.

1. Муайян карда шуд, ки таркиб ва гуногунии намудии дендрофлораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бо нишондиҳандаҳои систематикӣ, шакли ҳаётӣ ва ареалогӣ фарқ карда, сохтори хоси флораи минтақаро инъикос менамоянд.

2. Дарахту буттаҳои ҷамоаофар нақши асосӣ дар ташаккули ҷамоаҳои минтақа дошта, дар асоси онҳо форматсияҳо тасниф ва тавсиф карда шуданд.

3. Муайян карда шуд, ки хусусиятҳои экологии баъзе дарахту буттаҳо ба сохтор ва устувории экосистемаҳои минтақа таъсири назаррас мерасонанд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи усулҳои муайян ва қабулшудаи соҳаҳои геоботаника ва экология, таъмин гардидааст. Таҳқиқот дар солҳои 2022–2025 дар минтақаҳои гуногуни қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор гузаронида шуда, дар натиҷаи он ҳаҷми кофии маводи саҳроӣ ҷамъоварӣ шудааст. Натиҷаҳои бадастомада бо маълумоти

адабиёти илмӣ муқоиса гардида, коркарди оморӣ ва таҳлили илмии онҳо анҷом дода шудааст.

Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз натиҷаҳои воқеии таҳқиқот бармеоянд ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардонида шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада бо маълумоти таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ муқоиса гардида, мувофиқати онҳо эътимоднокии илмии рисоларо боз ҳам тақвият медиҳад.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз мукаддима, панҷ боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, дар ҳаҷми 171 саҳифа таҳия шудааст.

**Дар муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии кор, инчунин нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён гардидаанд.

**Дар боби якум**, шароити табиӣ ва мавқеи географии минтақаи омӯзиш, яъне қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисорро мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтааст. Муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмӣ, маълумотҳои геоботаникӣ ва мушоҳидаҳои саҳроӣ хусусиятҳои географӣ, геологӣ, орографӣ, иқлимӣ ва гидрологии минтақаи таҳқиқшавандаро баррасӣ намудааст.

**Боби дуюми рисола** ба таърихи омӯзиши дарахту буттаҳо ва тавсифи усулҳои таҳқиқоти илмӣ бахшида шудааст. Ин боб аз ду зербоб иборат буда, унвонҷӯ дар зербоби 2.1. оид ба таърихи ташаккули омӯзиши дендрофлора маълумот гирд овардааст. Дар ин зербоб марҳилаҳои асосии омӯзиши дендрофлораи Тоҷикистон ва махсусан қаторкӯҳи Ҳисор дар асоси корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ таҳлил гардидаанд. Инчунин дар зербоби 2.2 - и ин боб доир ба маводҳо ва усулҳои истифодашуда дар раванди таҳқиқотҳои саҳроӣ аз ҷониби диссертант маълумот оварда шудааст.

**Боби сеюми рисола** ба хусусиятҳои фитосенологӣ ва таҳлили натиҷаҳо бахшида шудааст. Дар ин боб муаллифи рисола аввал сохтор, таркиби намудӣ, хусусиятҳои экологии ҷамоаҳои набототи ва муносибати онҳо бо омилҳои муҳит мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст. Дар зербобҳои рисола таркиби флоравӣ, типология ва ҷамоаҳои асосии ҳар як типи набототи ба таври муфассал баррасӣ гардидааст. Муайян шудааст, ки ҳар як типи набототи вобаста ба шароити иқлимӣ, релеф, баланди аз сатҳи баҳр ва таркиби хок дорои хусусиятҳои фитосенологии хоси худ мебошанд.

Дар натиҷаи таҳлилҳои фитосенологӣ диссертант муайян кардааст, ки дендрофлораи минтақаи таҳқиқ бо гуногунии баланди намудӣ ва сохтори мураккаби ҷамоавӣ фарқ мекунад. Муаллифи рисола муайян намудааст, ки

дар умум таркиби дендрофлораи минтақа аз 25 оила, 50 авлод ва аз 120 намуди дарахту бутта иборат мебошад. Дар боб инчунин сохтори қабатнокии ҷамоаҳо таҳлил гардидааст. Муайян шуд, ки дар аксари ҷамоаҳои наботот якчанд қабатҳои растанигӣ ташаккул ёфтаанд, ки онҳо аз рӯйи таркиб ва вазифаи экологӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки вайроншавии яке аз ин қабатҳо метавонад ба тағйирёбии сохтори тамоми ҷамоаҳо оварда расонад. Дар зербахшҳои дигари ин боб таҳлилҳои шаклҳои ҳаётӣ, географию ареологӣ ва экологӣ нишон дода шудааст.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои ин боби диссертатсия нишон додааст, ки дендрофлораи қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор дорои таркиби ғанӣ, сохтори мураккаби фитосенологӣ ва аҳаммияти муҳими экологӣ мебошад.

**Боби чорум**, ба арзёбии ҳолати экологии дарахту буттаҳо дар экосистемаҳои асосӣ бахшида шудааст. Дар **зербоби 4.1** муаллиф чор типи асосии экосистемаро тавсиф намудааст. **Зербоби 4.2** ҳолати экологии намудҳои осебпазир ва таҳти хатарро дар бар гирифта, сабабҳои асосии коҳишёбии онҳо низ зикр гардидааст. Дар **зербоби 4.3** бошад, ҳолати экологии дарахту буттаҳои нафъовари минтақа таҳлил гардида, гурӯҳҳои гуногуни онҳо аз ҷумла, мевадиҳанда, чӯбдеҳ ва ороишӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар **зербоби 4.4** – и рисола роҳҳои ҳифзи дарахту буттаҳо мавриди омӯзиш пешниҳод гардидааст. Муаллиф нахуст мавзеҳои осебпазири таҳқиқшударо муайян намуда, омилҳои асосии таъсиррасон, аз ҷумла тағйирёбии иқлим ва таъсири антропогениро баррасӣ намудааст. Дар баррасии роҳҳои ҳифз пешниҳод намудааст, ки барои нигоҳдорӣ ва истифодаи оқилонаи дендрофлора чораҳои илмӣ асоснок, аз ҷумла ташкили минтақаҳои муҳофизатшаванда, эҳёи ҷамоаҳои осебпазир ва назорати истифодаи захираҳои табиӣ зарур мебошад.

**Дар боби панҷум** унвонҷӯ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти анҷомёфтаро ҷамъбаст ва муҳокима кардааст.

Хулосаҳои диссертатсия аз натиҷаҳои таҳқиқот мантиқан бармеоянд ва ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда пурра ҷавоб медиҳанд.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои рушди минбаъдаи илмҳои ботаника, геоботаника ва экология аҳамияти назаррас доранд. Маълумотҳои бадастомадаи унвонҷӯ метавонанд ҳангоми таҳияи харитаҳои геоботаникӣ, мониторинги муҳит, таҳияи барномаҳои ҳифзи гуногунии биологӣ ва идоракунии устувори захираҳои табиӣ истифода шаванд.

Аҳамияти иҷтимоӣ ва иқтисодии таҳқиқот дар мусоидат намудан ба ҳифзи экоҷистемаҳои табиӣ, нигоҳдории захираҳои наботот ва истифодаи оқилонаи намудҳои нафъовар ифода меёбад. Қисмҳои ҷудогона ва натиҷаҳои муайяни кор вобаста ба мавзуи диссертатсия дар шакли тавсияҳо ва барои татбиқ дар истеҳсолот аз ҷониби унвонҷӯ пешниҳод карда шудааст.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муҳокима гардидаанд. Аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 9 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд. Миқдор ва муҳтавои интишорот барои инъикоси натиҷаҳои асосии диссертатсия кофӣ мебошанд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.** Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар матни диссертатсия дар навишти номи лотинии баъзе намудҳо (саҳ. 101, 108 ва диг.) хатогиҳо дида мешаванд.

2. Дар қисмати таҳлили муқоисавӣ дендрофлораи қаторкӯҳи Ҳисорро баробари қаторкӯҳҳои Дарвоз ва Қаротегин, ки шароити якхелаи экологӣ доранд, унвонҷӯ бо ягон минтақаи берун аз кишвар муқоиса мекард натиҷаҳо хубтар мешуданд.

3. Диссертант дар зербоби 4.3 қайд намудааст, ки аз 120 намуди дарахту буттаҳо зиёда аз 20 намудашро намудҳои шифобахш ташкил медиҳад, хуб мешуд, ки оид ба шифобахши онҳо маълумоти тиббӣ ва истифодаи онҳо пешниҳод менамуд.

4. Муаллиф дар зербоби 4.3 "Дарахту буттаҳои "нафъовари" минтақаи омӯзиш..."-ро овардааст, вале дар бораи дарахту буттаҳои "нафъноовар" чизе нест.

5. Дар матни рисолаи илмӣ ва автореферат баъзе камбудиҳои граматикию техникӣ дида мешаванд (саҳ. 31, 91, 101, 126). Онҳо ислоҳшаванда мебошанд ва ба сифати матни диссертатсия таъсири манфӣ расонида наметавонанд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералиро коста намекунад ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
номзади илмҳои биологӣ, дотсент,
ходими Институти ботаника,
физиология ва генетикаи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мадаминов А.А.

**Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ,
кӯчаи Карамов 32, ҳуҷраи 2/9
Тел: (+992) 904187174
E-mail: abdullo1942@gmail.com

Имзои Мадаминов А.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Институти ботаника,
физиология ва генетикаи АМИТ Н.Умарова

**Суроғаи муассиса**: Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ,
кӯчаи Карамов 32, ҳуҷраи 2/9
Тел: (+992) 904187174 E-mail: